5.6.3. [07.00. 06] БОСТОНШИНОСӢ
5.6.3. [07.00. 06] АРХЕОЛОГИЯ
5.6.3. [07.00. 06] ARCHAEOLOGY

***ТДУ 94(47).081***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-46-52***

**_НАҚШИ ЭКСПЕДИТСИЯҲОИ АРХЕОЛОГИИ РУСИЯИ ПОДШОҲӢ ДАР ОМӮЗИШ ВА ТАҲҚИҚИ ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРИИ ОСИЁИ МИЁНА (ДАР МИСОЛИ ЭКСПЕДИТСИЯИ П.И.ЛЕРХ)_**

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик;* ***Содиқов Сомон Раҳимқулович,*** *магистранти, МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**_РОЛЬ АРХЕОЛОГИЧЕСКИХ ЭКСПЕДИЦИЙ ЦАРСКОЙ РОССИИ В ИЗУЧЕНИИ И ИССЛЕДОВАНИИ АРХИТЕКТУРНЫХ ПАМЯТНИКОВ СРЕДНЕЙ АЗИИ (НА ПРИМЕРЕ ЭКСПЕДИЦИИ П. И. ЛЕРХА)_**

***Исамитдинов Жорабек Бобобекович,*** *к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа;* ***Содиков Сомон Рахимкулович,*** *магистрант ГОУ "ХГУ имени акад.Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

**_THE ROLE OF ARCHAEOLOGICAL EXPEDITIONS OF TSAR RUSSIA IN THE STUDY AND RESEARCH OF ARCHITECTURAL MONUMENTS OF CENTRAL ASIA (ON THE EXAMPLE OF P. I. LERCH'S EXPEDITION)_**

***Isamitdinov Zhorabek Bobobekovich,*** *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of the History of the Tajik People,* ***E-mail:*** *isomatdinov1961@mail.ru;* ***Sodikov Somon Rakhimkulovich,*** *Second-Year Master's Student, SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *somonsodikov8@gmail.com*

***Калидвожаҳо:*** *экспедитсия, тадқиқот, олимони рус, ёдгориҳои археологӣ, П.И.Лерх, Осиёи Миёна*

*Дар мақола нақши экспедитсияҳои археологии рус дар омӯзиш ва таҳқиқи ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна (дар мисоли экспедитсияи П.И.Лерх)таҳлил ва баррасӣ гардидааст. П.И. Лерх ба омӯзиши осори қадимӣ ва асримиёнагии Осиёи Миёна асос гузоштааст. Аз ин лиҳоз зарур шуморидем фаъолияти бостоншиносии П.И.Лерхро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Қайд мешавад, ки Аввалин экспедитсияи археологӣ соли 1867 ба сарзамини Осиёи Миёна бо роҳбарии П.И. Лерх фиристода шудааст. Дар мақола хатсайри омӯзиши экспедитсия, таҳқиқи Ҷонқалъа (Янгикент), харобаҳои Хорхут ва Савран, Туркистон, Чимкент, Тошканд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, дараи Ҷавлон-ота, Авлиёато ва харобаҳои Аҳрор-Тош, ки аз ҷониби бостоншинос П.И.Лерх мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.Олим тавонист дар муддати панҷ моҳ хатсайри муайяншудаи экспедитсияро тай намуда, аз мавзеъҳои таърихии ҳудуди Осиёи Миёна дидан намояд.*

***Ключевые слова:*** *экспедиция, исследования, российские учёные, археологические памятники, П.И. Лерх, Средняя Азия*

*В статье анализируется и обсуждается роль русских археологических экспедиций в изучении и исследовании памятников архитектуры Средней Азии (на примере экспедиции П. И. Лерха). П.И. Лерх положил начало изучению древних и средневековых артефактов Средней Азии. С этой точки зрения мы посчитали необходимым изучить археологическую деятельность П. И. Лерха. Первая археологическая экспедиция 1867 года в Среднюю Азию под руководством П.И. Лерха была организована в 1867 году. В статье изучен маршрут экспедиции, исследование Джонкалы (Янгикент), руины Хорхута и Саурана, Туркестана, Шымкента, Ташкента, Худжанда, Ура-тюбе, Джизака, ущелья Джавлон-ота, Авлиёато и руины Ахрор-Тош, которые подготовил археолог П. И. Лерх. Учёный смог пройти заданный маршрут экспедиции и посетить исторические места Средней Азии за пять месяцев.*

***Key words:*** *expedition, research, Russian scientists, archaeological sites, P.I. Lerch, Central Asia*

*The article analyzes and discusses the role of Russian archaeological expeditions in the study and research of architectural monuments of Central Asia (on the example of the expedition of P.I. Lerch). P.I. Lerch initiated the study of ancient and medieval artifacts of Central Asia. From this point of view, we considered it necessary to study the archaeological activities of P. I. Lerch. The first archaeological expedition of 1867 to Central Asia under the leadership of P.I. Lerha was founded in 1867. The article examines the route of the expedition, the study of Jonkala (Yangikent), the ruins of Khorkhut and Sauran, Turkestan, Shymkent, Tashkent, Khujand, Ura-Tube, Jizzakh, the Javlon-ota gorge, Avliyoato*

*and the ruins of Akhror-Tosh, which were prepared by archaeologist P.I. Lerch. The scientist was able to follow the given expedition route and visit historical places in Central Asia within five months.*

Оғози омӯзиши даврахои аввали таърихи башарият на танҳо дар рушди бостоншиносӣ ҳамчун илми асосии гузаштаи дур, балки дар ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва дарки башарият марҳалаи бениҳоят ҷолиб ва ҳассос мебошад.

Омӯзиши амиқи таърих, фарҳанг, этнография ва археологияи Осиёи Миёна аз ҷониби олимон, шарқшиносон ва бостоншиносони рус дар нимаи дуюми асри Х1Х оғоз гардидааст. Дар ин давра сафирон, сайёҳон ва гурӯҳи олимон ба ин минтақа экспедитсияҳои илмӣ анҷом додаанд.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқи таърих ва фарҳанги Осиёи Миёна аз ҷониби олимони рус ҳанӯз дар асри XVIII оғоз гардида, дар ин давр барои таҳқиқи сарзамин бо усули махсуси худ (экспедитсия), яъне рӯйпӯш намудани амалиёти ҳарбии худ ба он хусусияти илмӣ медоданд. Ҳайати асосии экспедитсия аз ҳисоби ҳарбиёни таълимдидаи рус, ки забонҳои маҳаллиро хуб медонистанд иборат буд.

Дар асри XVIII дар Русия ба инкишофи илмҳои бунёдӣ ва дақиқ диққати махсус дода шуд. 13 (24) январи соли 1724 дар бинои Сенат Пётри I "Декрет дар бораи Академия"-ро имзо кард. 22 январ (2 феврал) лоиҳаи низомномаро дар бораи таъсиси Академияи илму санъат ва университети назди он, ки онро табиби подшоҳ Л.Л. Блюментрост тартиб дод ва 28 январи (8 феврали) соли 1724 фармони Сенат дар бораи таъсиси Академияи илмҳои Петербург қабул гардид. Дар Академияи илмҳо расадхона, матбаа, китобхона ташкил гардида, рӯзномаи «Ведемостҳои Санкт-Петербург» ба нашр шуруъ кард. Самти махсуси фаъолияти Академияи илмҳо ташкили экспедитсияҳо буданд, ки дар рафти онҳо мушоҳидаҳои астрономӣ, геодезӣ ва географӣ гузаронида шуда, олами набототу ҳайвонот, канданиҳои фоиданок ва этнографияи халқҳо омӯхта мешуданд [16].

Таҳқиқи ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна яке аз самтҳои омӯзиш аз ҷониби олимони рус маҳсуб меёфт. Аввалин аксҳои ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна маҳз дар рафти экспедитсияҳо, саёҳатҳо ва сафари олимону донишмандони рус ба ин сарзамин гирифта шудаанд, ки ҳоло дар Бойгонии илмии Институти таърихи фарҳанги моддии Академияи илмҳои Русия нигоҳ дошта мешаванд. Аксҳои аввалин, ки дар онҳо ёдгориҳои меъмории Осиёи Миёна тасвир ёфтаанд аз ҷониби лейтенанти артиллерия Антон Степанович Муренко соли 1858 дар рафти экспедитсия ба самти Хева ва Бухоро аккосӣ карда шудаанд.

Дар рафти экспедитсия ба самти Хева ва Бухоро бо роҳбарии Н.П. Игнатев аз ҷониби А.С. Муренко маҷмӯи аксҳо иборат аз 28 сурат тартиб дода шуд, ки дар байни онҳо суратҳои манзараҳои корвонсарой дар Оренбург, деворҳои гилини Қунғурот дар соҳили Амударё, девори мудофиавӣ Казалинск, ки дар соҳили Сирдарё соли 1853 сохта шуда буд ва соли 1867 Полвон-Ота ном гирифтааст, мавҷуданд [6,с.783-784].

Дар ибтидои солҳои 50 – уми асри XIX дар Русия илми бостоншиносӣ аллакай ба таври васеъ инкишоф ёфта буд, аммо дар ин соҳа ҳамоҳангӣ вуҷуд надошт. Соли 1856 дар бораи ба ихтиёри граф Сергей Григоревич Строганов додани тамоми кофтуковҳои археологии дар ҳайати шуъбаи Вазорати корҳои дарбории Императорӣ гузарондашуда декрет баровარда шуд. Мувофиқи таклифи ӯ 15 феврали соли 1859 аз тарафи Александри II Комиссияи бостоншиносии императорӣ ташкил карда шуд, ки он аввалин муассисаи давлатии археологии империяи Россия гардид [15, с.106].

Комиссияи бостоншиносии императорӣ ба омӯзиши ёдгориҳои моддии Шарқи қадим ва осори қадимии Осиёи Миёна диққат медод. Соли 1867 Комиссияи бостоншиносии императорӣ шарқшинос-бостоншинос П.И. Лерхро ба Осиёи Миёна фиристод, то харобаҳои Ҷонқалъа (Янгикент) – и қадимро дар лаби Сирдарё омӯзад [13,с.62].

Фаъолияти бостоншиносии П.И. Лерх то ин дам аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Лекин Петр Иванович Лерх ҳамчун шарқшинос аз ҷониби олимон А.Я. Гаркави [4], Н.И. Веселовский [3], В.А. Жук [5], М. Тарасова [16] ва Д.Раҷабова [15] мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Фаъолияти умумии бостоншиносии ҷамъиятҳои илмии Россияи подшоҳӣ дар ҳисоботҳо [12,с.13] ва маҷмӯаҳои ҷашнӣ [6] инъикос гардидаанд, ки дар ин маҷмӯаҳо мухтасар оид ба экспедитсияи П.И. Лерх барои омӯзиши харобаҳои Янгикент маълумот дода шудааст.

Аз рӯйи навиштаҳои О.Маслов соли 1867 барои омӯзиши харобаҳои Янгикент бо роҳбарии П.И. Лерх экспедитсияи археологӣ фиристода шуд. Ба ҳайати экспедитсия ӯ ва инчунин капитан М.К. Приоров шомил буд[10, с.64].

Шарқшиноси тавоно, муҳаққиқи варзида Петр Иванович Лерх соли 1828 дар Петербург ба дунё омадааст. Таҳсилоти муқаддамотиро дар Санкт-Петербург гирифта, баъдан риштаи таъриху филологияро дар шуъбаи шарқшиносии Донишгоҳи Санкт-Петербург хатм намудааст.

Аввалин тадқиқоти П.И. Лерх ба самти шарқшиносӣ равона гардида, соли 1851 дар маҷаллаи "Китобхона барои хониш" ("Библиотека для чтения", феврали соли 1851) очерки бадеии ӯ таҳти унвони " Ҳафт ситора дар осмони шеъри форсӣ" ("Семизвездие на небе персидской поэзии") ба нашр расид [1].

Ӯ ба таърихи забони курдӣ, ва мамлакатҳои Ошур, Бобулистон ва Осиёи Хурд шавқу ҳаваси зиёд дошт. Ин буд, ки ӯ соли 1856 натиҷаи тадқиқотҳои худро таҳти унвони "Тадқиқот оид ба курдҳои Эрон" ("Исследование об Иранских Курдах") ба нашр расонид. Соли 1858 П.И. Лерх дар ҳайати аъзоёни Академияи Илмҳо бо роҳбарии Н.П.Игнатев ба Хева ва Бухоро сафар намуд, ҳангоми сафар ӯ якчанд дастхатҳои шарқӣ ва тангаҳо ҷамъоварӣ намудааст, ки як қисми он дар Музейи осиёгии Академияи илмҳо ва қисми дигари он дар Эрмитаж ва Ҷамъияти археологӣ нигоҳдорӣ карда мешавад [3, с.58; 4, с.63; 5, с.24].

Соли 1860 Лерх Петр Иванович аъзои Ҷамъияти археологии императории Русия (Санкт-Петербург) интихоб гардида, дар маҷаллаи "Ахбор" ("Известия") – и Ҷамъият мақолаҳо роҷеъ ба олимони соҳаи адабиёт ва археологияи тотаърихӣ мақолаҳо нашр мекард. Ҳамаи тадқиқотҳои П.И. Лерхро ба инобат гирифта, Комиссияи бостоншиносии императорӣ ӯро соли 1865 барои омӯзиши таърихи губернияҳои Олонетск, Вологодск ва Вятск ба самти шимолии Русия фиристод [2, с.383]. Ӯ 9 марти соли 1865 аъзои Ҷамъияти бостоншиносии императории Москва гардид [11, с.291].

Соли 1867 дар экспедитсияи археологӣ барои омӯзиши харобаҳои Янгикент иштирок намудааст ва натиҷаи тадқиқотҳояшро дар ду мақола ва як очерки таърихӣ баён намудааст.

Пас аз экспедитсия ӯ тадқиқоти худро дар самти шарқшиносӣ ва таърих давом дода, соли 1873 мақолаеро таҳти унвони "Баррасиҳо дар бораи шабоҳат ва тафовутҳои забонҳои суғдию хоразмии бостонӣ дар қиёс бо забонҳои зандӣ, форсии бостон ва паҳлавӣ" (Соображения о сходствах и отличиях древнего согдийского и хорезмского языка сравнительно с зендским, древне-персским и пеглевийскими языками) дар ҷаласаи Комиссияи бостоншиносии императорӣ матраҳ менамояд. П.И. Лерх тадқиқотҳои худро дар самти навиштаҷотҳои тангаҳо ва зарб задани онҳо дар Бухоро дар мисоли тангаҳои сосонии замони Баҳроми V (420-438) ва асрҳои VII-VIII дар соли 1873 таҳти унвони "Тангаҳои бухорхудот" ("Монеты бухар-худатов") ҷамъбаст намуда, дар асоси он соҳиби дараҷаи магистрӣ дар самти таърихи Шарқ мегардад [2, с.394].

Дар Конгресси Комиссияи бостоншиносии императорӣ соли 1876 П.И. Лерх котиби шӯъбаи ҷамъияти ибтидоӣ ва Шарқ таъин мегардад. Моҳи феврали соли 1877 Лерх Петр Иванович ба беморӣи фалаҷи аъзои бадан гирифтор мешавад ва 4 сентябри соли 1884 дар шаҳри Ҳамбург вафот мекунад [11, с.291; 2, с.395].

Қобили зикр аст, ки П.И.Лерх муаллифи зиёда аз 50 мақола, тезис ва очеркҳои алоҳида бо забони русӣ ва 30 мақола бо забонҳои фаронсавӣ ва олмонӣ мебошад [11, с.291].

Чӣ тавре,ки зикр гашт, П.И. Лерх соли 1867 ҳамчун аъзо-корманди (член-сотрудник) Ҷамъияти ҷуғрофии императорӣ, аъзои Ҷамъияти бостоншиносии Санкт-Петербург ва Москва бо ҳамроҳии адъютанти генерал-губернатории Оренбург капитан Михаил Капитанович Приоров барои омӯзиши харобаҳои димнаи Янгикенти поёноби Сирдарё экспедитсияи археологӣ ташкил намуд [9, с.199].

Аввалин тадқиқотчиёни харобаҳои Янгикент, лейтенанти полки драгунии Оренбург Дмитрий Гладишев ва геодезист Иван Муравин дар соли 1740 ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи тадқиқоти олимони мазкур харобаҳои димнаи Янгикент дар резишгоҳи дарёи Сир ба баҳри Арал ҷойгир шуда, шаҳри бузург маҳсуб меёфт [15, с.556]. Дар асари А.Левшин "Тавсифи қирғиз-қазоқ ва ё қирғиз-кайсакҳои Урда ва Дашт" ҷойгиршавии Янгикентро дар соҳили чапи дарёи Сир ба қалам додааст. Ҳамчунин, ӯ калимаи "Янгикент"- ро "истеҳкоми нав" шарҳ додааст. Ба ақидаи А.Левшин димна кай ва аз ҷониби кӣ сохта шудааст, маълум нест [7, с.212].

Хатсайри экспедитсия мувофиқи нақша аз шаҳри Казалинск оғоз гардида, ба самти Ҷонқалъа (Янгикент), харобаҳои Хорхут, харобаҳои Савран, Туркистон, Чимкент, Тошканд, Хуҷанд,

Ӯротеппа, Ҷиззах, дараи Ҷавлон-ота, Авлиёато ва харобаҳои Аҳрор-Тош нигаронида шуда буд [12, с.374; 10 с.64].

Рафти экспедитсия ва инъикоси маконҳои тадқиқотӣ дар се мақолаи роҳбари экспедитсия П.И. Лерх "Ҳисобот дар бораи ҳафриёт Ҷонкент" ("Сообщения о произведенных раскопках в Джанкенте"), "Роҷеъ ба харобаҳои Ҷонкент" ("О развалинах Джанкента") ва "Сафари археологӣ дар вилояти Туркистон дар соли 1867" ("Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году") баён гардидааст.

"Сафари археологӣ дар вилояти Туркистон дар соли 1867" ("Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году") яке аз манбаъҳои муътамад доир ба экспедитсияи археологӣ бо роҳбарии П.И. Лерх барои омӯзиши харобаҳои димнаи Янгикент ба ҳисоб меравад. Ҷараёни омӯзиш, хатсайр ва маълумоти гирдовардашуда дар асари мазкур ба таври ҳиссобот навишта шудааст.

П.И. Лерх дар навиштаҳояш қайд менамояд, ки экспедитсия баҳори соли 1867 ташкил гардида, панҷ моҳро дар бар гирифт. 22 верст (баробар ба 23,5 км) поёнтар аз қалъаи 1 (Казалинск) дар соҳили чапи Сир харобаҳои истеҳкоми хонигарии Хева Ҷонқалъа бо девори иҳотавиии дарозиаш 80 сажен (баробар ба 184 метр) ва баландии 2 сажен (4,6 метр) мавҷуд аст. Дар наздикии ин харобаҳо баъди убури дарё заҳбур мавҷуд аст, ки дарозиаш 6-7 верстро (6400-7400 метр)-ро ташкил медиҳад, аммо об то 2 ё 3 верст (2133-3200 метр) заминҳоро шодоб кардаасту халос, зеро қирғизҳо (қазоқҳо – муаллифон) асосан лар наздикии соҳил бо киштy кори зироат машғул буданд. Агар аз захбури тарафи чап роҳ паймоед, пас дар версти панҷум (5334 метр) маконе оғоз меёбад, ки номаш Янгикент аст ва дар майдони 4 версти мураббаъ (баробар ба 4552,2 м²) бо теппаҳои пасти дорои растаниҳои ёбоӣ иҳота карда шудааст.

Ба қавли П. И. Лерх дар гӯшаи ҷанубу шарқии мавзеи Янгикент як чоркунҷаи номунтазами чоҳмонанде ба вуҷуд омадааст ва дар тарафи шарқӣ то ҳол боқимондаҳои девори ғафси аз чӯб ва пораҳои гил сохташуда боқӣ мондаанд. Дар қисмати шимолу ғарбӣ девори печ дар печ аз хишт мавҷуд аст. Қалъаро ҷӯйборе иҳота кардааст, ки паҳноиаш 2 сажен (4,6 метр) аст, ки осори он дар паҳлӯҳои шарқӣ дида мешавад. Дохили қалъа аз якчанд теппаҳо иборат аст. Дар рафти кофтуковҳои археологӣ дар он ягон намуди осори иморат ёфт нашуд. Агар замоне дар ин ҷо иморатҳо вуҷуд дошта бошанд, эҳтимол онҳо аз гил сохта шуда буданд, ки осори онҳо бо мурури замон нест шудааст. Дар он ҷо танҳо пораҳои зарфҳои гилин ва устухони гӯсфанд ёфт гардид [8, с.11].

Ҷойгиршавии қалъа дар ин ёдгорӣ гуногун аст, дар инҷо чаҳор теппа мавҷуд аст, ки дар рӯйи ҳар як теппа қалъаҳои гуногун ҷой гирифтааст. Теппаи якум дар қисмати шимолу ғарбии мавзеъ ҷойгир буда, дар инҷо П.И. Лерх тангаҳои гуногун дарёфт кардааст. Теппаи баъди бошад аз теппаи якум дар масофаи 50 сажен (91,44 метр) ҷойгир аст. Дар теппаи мазкур ҳангоми азназаргузаронӣ баъзе аз намудҳои зарфҳо ва оташдонҳои гилин дарёфт гардид. Дар теппаи сеюм бошад, ба ғайр аз ангишт ва хишт чизи дигар ба чашм нарасид. Бузургтарин теппа ин чаҳорумин (теппа) ба ҳисоб меравад, ки он аз теппаи сеюм дар масофаи 120 сажен (219,456 метр) дуртар ҷойгир шудааст. Аз рӯйи гуфтаҳо ин ҷо қасри малика Ҷанҷорхон будааст. Аз рӯйи эътиқоди мардуми маҳаллӣ касе дар ин ҷо ҳафриёт нагузаронидааст. Дар натиҷаи азназаргузаронӣ дар инҷо хиштҳо бо навиштаҷотҳои арабӣ ва як санги болои қабр ёфт гардид. Ин санги мазори шахсе аст, ки дар моҳи рамазони соли 763 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба моҳҳои июн-июли соли 1362 милодӣ) вафот кардааст [8, с.IV-V].

Пас аз як моҳи кофтуковҳои бостоншиносӣ П.И. Лерх ба самти дигари дарёи Сир раҳсипор гардид, то ин ки аз мавзеъҳои дигари таърихии кишвари Туркистон дидан намояд. 50 верст (53,34 км) то шаҳри Туркистон П.И.Лерх дар димнаи Савран таваққуф кард. Дар ин ҷо қалъаи харобшуда вуҷуд дошт, ки деворҳои боқимондаи он аз гил сохта шудаанд. Баъд аз шаҳри Савран П. И. Лерх ба самти Туркистон раҳсипор гардид ва дар ин ҷо ӯ оромгоҳи Аҳмади Ясавиро, ки соли 1404 бунёд ёфтааст, аз назар гузаронид. Ба ғайр аз оромгоҳи мазкур дар ин ҷо қабри набераи Темурланг Робия Бегим духтари Улуғбек, ки соли 880 ҳиҷрӣ (1475-1476 мелодӣ) вафот кардааст, инчунин қабри Абулхайр Сиюнҷӣ Хоҷахон, ки соли 931 ҳиҷрӣ (1524-1525 мелодӣ) вафот кардааст, ҳамчунин якчанд аъзои оилаи қунғиротҳо, ки дар нимаи дуюми асри XVI вафот кардаанд, мавҷуд будааст [8, с.10].

Пас аз тадқиқи қалъаи Савран Петр Иванович Лерх аз Туркистон ба воситаи Чимкент ба Тошканд рафта, аз он ҷо ба Хуҷанд, Ӯротеппа, Зомин ва Ҷиззах сафар намудааст. Дар роҳи Ҷиззах ӯ дар дараи Ҷавлон-ота аз Янгитеппа дидан намуд. Дар ин ҷо ӯ ду сангнавиштаеро

дарёфт намуд, ки онро дар маҷлиси умумии кишвари Туркистон олимон ба Темур рабт дода буданд, аммо П.И. Лерх ин катибаҳоро аз назар гузаронида, ба хулосае омад, ки петроглифҳо бо забони форсӣ навишта шуда, яке ба лашкаркашии Улуғбек дар соли 828 ҳиҷрӣ (1424-1425 милодӣ) ба сӯйи Муғулистон ва дуюминаш ба хотири ғалабаи хони Бухоро Абдуллохон дар соли 979 ҳиҷрӣ (1571-1572 мелодӣ) аз болои мулкҳои Тошканд, Фарғона ва Дашти Қипчоқ маълумот медиҳанд [8, с.9].

**Катибаи Улуғбек** [8, с.26]
**828 ҳ. = 1425 мелодӣ**

به برکت خداوند، حضرت سلطان اعظم مونی، فرمانروای ملل، خدای فی الارض، والی تعالیم
سنت و به فرمان سلطان مقّیس الدین العق بیک کرکون، پادشاه. از خدا، ملکه و ملکه جانا و
مغول.

**Сангнавиштаи Абдуллохон** [8, с.30]
**979 ҳ. = 1571 мелодӣ**

به نام مسافران بادیه نشین و اندیشه راه هموار به خانه ها در دریا و رودخانه، دستوری است که
در تاریخ نهصد و هفتاد و نه در میان خلافت جدید مکنتلی سبحان است. علی خوکون عبدالله خان،
این اسکندر خان با 3000 جنگجو و نواب دروش خان و باباخان بن برک خان و دیگر نوادگان
نواب مذکور با همه برادرانش تا پنجاه سلطان و چهارصد هزار سپاهی تاشکند ترکستان. ، فرغانه
و دشت کبچاق را در موقعیت ماهی سونکی قرار دادند جسد یک ماه در جریان خون قرار گرفت
تا روشن شد.

Дар роҳи бозгашт П.И. Лерх ба Авлиёота рафта, аз макони будубоши аҳолии кӯчманчии қирғизҳо (қазоқҳо – муаллифон) ва аҳолии муқимии Сартҳо, ки Ахур-тош ном дорад дидан намудааст.

Ҳамин тавр, экспедитсия бо роҳбарии П.И. Лерх барои омӯзиши харобаҳои димнаи Янгикент дар соли 1867 ба охир расида, дар натиҷа он харобаҳои Янгикент, Ҷонқалъа, Хорхут, Сауран ва Аҳрор-тош омӯхта шуд. Инчунин, дар рафти экспедитсия масҷиди Аҳмади Ясавӣ дар Туркистон ва сангнавиштаҳои болои қабрҳо тадқиқ карда шуд. Саҳми шарқшинос П.И.Лерх дар инкишофи илми таърих, шарқшиносӣ, инчунин таърихи омӯзиши Осиёи Миёна бемисл буда, чунон ки ҳамкасбонаш пешгӯӣ карда буданд, «номи ӯро дар оянда бо миннатдории самимӣ» [4 с.62] ёд мекунанд.Хулоса, ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки нахустин экспедитсияи археологӣ ба Осиёи Миёна маҳз аз ҷониби Петр Иванович Лерх ташкил карда шудааст. Бостоншинос тавонист дар муддати панҷ моҳ хатсайри муайяншудаи экспедитсияро тай намуда, аз мавзеъҳои таърихии ҳудуди Осиёи Миёна дидан намояд. Дар рафти ин экспедитсия ӯ мақбараи Хоҷа Аҳмади Ясавиро дар наздикии шаҳри Туркистон таҳқиқ намуд. Хизмати дигари П.И. Лерх аз он иборат аст, ки вай мақбараро (ӯро “масҷид” номидааст) ҳамчун бостоншинос омӯхтааст. Ин буд, ки П.И.Лерх ба омӯзиши осори қадимӣ ва асримиёнагии Осиёи Миёна асос гузоштааст. Баъдан кофтуковҳои мунтазами археологӣ аз ҷониби Н. Пантусов ва Н.И. Веселовский ва дигарон ба роҳ монда шудааст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Библиотека для чтения. – Санкт-Петербург : Типография Эдуарда Праца и К°, 1851. февраль. – 824 с. – Дастрасӣ дар сомонаи – URL: https://biblioclub.ru/index.php?page=book&id=139201. – [Маводи электронӣ] (Санаи мурочиат 25.12.2023)
2. Биографический словарь профессоров и преподавателей Санкт – Петербургского университета за истекшую третью четверть века его существования 1869-1894. Т.I. А-Л. СПб., 1896. – 419 с.

3. Веселовский, Н.И. Некролог П.И.Лерха / Н.И.Веселовский, В.Г.Тизенгаузен// Журнал Министерства народного просвещения, 1884 ноябрь. – СПб.,1884.- С.57-66.
4. Гаркави, А.Я. Памяти П.И.Лерха (1828-1884) /А.Я.Гаркави// Записки Императорского Русского археологического общества. Т.1. Новая серия, 1886. – 370с.
5. Жук, В.А. Ананьинский могильник: первые раскопки и первые впечатления /Жук В.А.// Известия археологии,истории и этнографии при Казанском Университете.Т39.,№4,2019.–92 с.
6. Императорская Археологическая Комиссия (1859–1917): К 150-летию со дня основания. У истоков отечественной археологии и охраны культурного наследия / Науч. ред.-сост. А. Е. Мусин. Под общей ред. Е. Н. Носова. — СПб.: ДМИТРИЙ БУЛАНИН, 2009. – 1192 с.
7. Левшин, А. Описания киргиз-казачьих или киргиз-кайсацких орд и степей/ А.Левшин - СПб., 1832. – 212 с.
8. Лерх, П.И. Археологическая поездка в Туркестанский край в 1867 году/ П.И.Лерх– СПб., 1870. – 39 с.
9. Лерх, П.И. Сообщения о произведенных раскопках в Джанкенте/П.И.Лерх//Известия Русского географического общества. Т. III., 1868. – С.199-200.
10. Маслова, О.В. Обзор русских путешествий и экспедиций в Среднюю Азию. Ч.2.- Ташкент, 1956. – 102 с.
11. Некролог П.И.Лерха // Историческая записка о деятельности императорского Московского археологического общества за первые 25 лет существования. – Москва: В синдальной типографии, 1890. – 439 с.
12. Обзор важнейших географических работ в России за 1867 и 1868 г.г. // Известия Русского географического общества. Т. V., 1869. – С.325-380.
13. Отчет Императорской археологической комиссии за 1882-1888 годы. – СПб., 1891. – 462 с.
14. Поездка из Орска в Хиву и обратно, совершенная в 1740-1741 годах поручиком Гладышевым и геодезистом Муравиным./С предисловием Я.Ханыков //Геогр. известия, 1850. - С.519-599.
15. Раджабова, Д. Вопросы истории Средней Азии в научном наследии российского востоковеда П.И. Лерха (источниковедческий анализ) /Д.Раджабова//Востоковедение,2021.№1.–С.105-114.
16. Тарасова, М. Издания Российской Академии Наук [Маводи электронӣ] /М.Тарасова//Ростовская электронная газета. 1999. 6 июля (№ 13 (19))// https://old.relga.ru/n19/book19.htm (Санаи мурочиат: 29.01.2024)

**REFERENCES:**

1. Library for reading. – St. Petersburg: Printing house of Eduard Pratz and Co., 1851. February. – 824 p. – Access to the site – URL: https://biblioclub.ru/index.php?page=book&id=139201. – [Electronic material] (Date of appeal: 25.12.2023)
2. Biographical dictionary of professors and teachers of St. Petersburg University for the past third quarter of a century of its existence, 1869-1894. V.I. A-L. St. Petersburg, 1896. – 419 p.
3. Veselovsky N.I. Obituary of P.I. Lerch / N.I. Veselovsky, V.G. Tizengauzen // Journal of the Ministry of Public Education, November 1884. – St. Petersburg, 1884.- P.57-66.
4. Garkavi A.Ya. In memory of P.I.Lerch (1828-1884) /A.Ya.Garkavi// Notes of the Imperial Russian Archaeological Society. V.1. New series, 1886. – 370 p.
5. Zhuk V.A. Ananyinsky burial ground: first excavations and first impressions / Zhuk V.A. // News of archeology, history and ethnography at Kazan University. V.39., No. 4, 2019. – 92 p.
6. Imperial Archaeological Commission (1859–1917): To the 150th anniversary of its founding. At the origins of domestic archeology and protection of cultural heritage / Scientific. ed.-comp. A. E. Musin. Under the general editorship. E. N. Nosova. - SPb.: DMITRY BULANIN, 2009. - 1192 p.
7. Levshin A. Descriptions of the Kyrgyz-Cossack or Kyrgyz-Kaisak hordes and steppes / A. Levshin - St. Petersburg, 1832. – 212 p.
8. Lerkh P.I.Archaeological trip to the Turkestan region in 1867/P.I.Lerkh–St.Petersburg,1870. – 39 p.
9. Lerkh P.I. Reports on excavations in Dzhankent/P.I.Lerkh//News of the Russian Geographical Society. V. III., 1868. – P.199-200.
10. Maslova O.V.Review of Russian travels and expeditions to Central Asia. Part 2.-Tashkent,1956.– 102 p.
11. Obituary of P.I. Lerch // Historical note on the activities of the Imperial Moscow Archaeological Society for the first 25 years of its existence. – Moscow: In the Syndal Printing House, 1890. – 439 p.
12. Review of the most important geographical works in Russia for 1867 and 1868. // News of the Russian Geographical Society. V. V., 1869. – P.325-380.
13. Report of the Imperial Archaeological Commission for 1882-1888.–St. Petersburg,1891. – 462 p.

14. A trip from Orsk to Khiva and back, made in 1740-1741 by lieutenant Gladyshev and surveyor Muravin./With a foreword by Y. Khanykov // Geogr. Izvestia, 1850. - P.519-599.
15. Radzhabova D. Questions of the history of Central Asia in the scientific heritage of the Russian orientalist P.I.Lerch (source analysis)/D.Radjabova // Oriental Studies, 2021. No. 1. – P.105-114.
16. Tarasova M. Publications of the Russian Academy of Sciences [Electronic material] / M. Tarasova // Rostov electronic newspaper. 1999. July 6 (No. 13 (19)) // https://old.relga.ru/n19/book19.htm (Date of appeal: 29.01.2024)